# ТАВЗЕҲНОМА
## ба Лоиҳаи Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ

Лоиҳаи Тартиби мазкур бахри иҷроиши муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" ҷиҳати татбиқи фаъолияти бонкии исломӣ ва омода намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ҷиҳати танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ таҳия карда шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" ташкил медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон барои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъул аст, аз ин рӯ, пас аз таъсиси бонкҳои исломӣ зарурати таҳияи санади нав пайдо гардид.

Гарчанде, ки қонунгузории соҳаи бонкии кишвар тартиби ягонаи таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзиро пешбинӣ намудааст, вале санади меъёрии ҳуқуқии мушаххас вобаста ба тартиби ягонаи таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ мавҷуд нест.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади таҳлили фаъолияти молиявии ташкилоти қарзии исломӣ ва амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои асосии танзим, назорат ва фаъолияти дурусти иқтисодии ташкилоти қарзии исломӣ тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявиро барои анҷом додани вазифаҳои асосии танзим ва назорати бонкӣ санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро таҳия намуд.

Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ бо мақсади идоракунӣ ва назорати ҳисоботҳои молиявӣ дар ташкилотҳои қарзии исломӣ (ба истиснои ташкилотҳои қарзии хурди исломӣ ва фондҳои қарзии хурди исломӣ) таҳия шуда, таҳлили фаъолияти ташкилоти қарзии исломӣ бо тартиби муқарраршуда таъсири қарорҳои роҳбарияти ташкилоти қарзии исломиро ба кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ ифода менамояд.

Тартиби мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гашта, дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба назар гирифта шудааст.

Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Дар сурати қабул гардидани Тартиби мазкур ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки дар соҳаи низоми бонкии кишвар нав фаъолияти худро шуруъ мекунанд, тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ ҳисоботҳои молиявии худро таҳия намуда барои танзим ва назорат ба Бонки миллии Тоҷикистон дар муҳлатҳои муқарраршуда ирсол менамоянд.

Қабули санади мазкур дар самти фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва принсипҳои маблағгузории исломӣ амалӣ мегардад. Бинобар ин, ҷиҳати таҳлили фаъолияти молиявии ташкилоти қарзии исломӣ ва амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои асосии танзим, назорат ва фаъолияти дурусти иқтисодии ташкилоти қарзии исломӣ, барои таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя ва тартиб додани иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳ вобаста ба амалиётҳои молиявӣ мусоидат менамояд.

Раис Ҷ. Нурмаҳмадзода